**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҷабзода Маҳмадиёр Носир ба диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.**

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллииТоҷикистон мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, таҳти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Натиҷаҳои асосии таҳқиқот** дар 9 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои аспирант байён гардидааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад. Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он аспирант 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашриҳои дигар ба табъ расонидааст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад,** ки танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ дар илми ҳуқуқи ватанӣ ва чӣ дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ ҳангоми иҷрои ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои объективӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, оид ба мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ дар қонунгузории миллӣ, байналмилалӣ ва давлатҳои хориҷӣ интихоби қонуни мушаххас вобаста ба танзими муносибатҳои ҷамъиятии дахлдор яке аз масоили мӯбрамисоҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дониста мешавад.Бинобар ин асосҳои таҳияи назариявӣ оид ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ як аз вазифаҳои

аввалиндарачаи илми ҳуқуқшиносии муосир дониста мешавад.Ҳалли ин масъала ба ҳифзу ҳимояии ҳуқуқҳои иштирокчиёни ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мусоидат мекунад, ки аспирант дар таҳқиқоти диссертатсия ба ин масъалаҳо аҳамияти аввалиндарача дода, оид ба бартараф кардани камбудиҳои назариявии илмӣ як зумра таклифу пешниҳодҳо манзур намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсияи Абдуллозода Ё.М. дар ин самт шаҳодат аз он медиҳад, ки ҷиҳати фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ оид ба иҷрои талаботи қонунгузории байналмилалии хусусӣ вобаста ба иҷрои ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ва аз ҷониби давлат таъмин кардани онҳо мусоидат мекунад.Аспирант оиди ин масъала қайд намудаст, ки дар қонунгузории мадани чунин фаҳмиш ба мисоли ҳуқуқу уҳдадориҳои хориҷиён дар Тоҷикистон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар муқаррар карда шудаст, ки аз фаҳмиши маҳдуди ҳуқуқи маданӣ вобаста мебошад. Инчунин қайд намудааст, ки агар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба оилаи ҳуқуқи хусусӣ дохил бошад, пас ҳуқуқи хусусӣ ба шохаҳои васеъ (ба монанди ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи корпоративӣ ва ғ...)тақсим гардада ба ҳифзи манфиятҳои хусусӣ нигаронида шудаст.

Аз нигоҳи муаллиф муҳимтарини дастоварди ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалии хусусӣ ин ҳамон ҳуқуқои субъективӣ ва уҳдадориҳои объективӣ дониста шудаст, ки дар қонунгузории давлат дар бахши хусусӣ равона гардида бошад. Дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ тарафҳо, яке аз онҳо шаҳрванди хориҷа ё ин ки ҳолати воқеӣ дар хориҷи кишвар ба вуқу омада ё шахси ҳуқуқии хориҷӣ бошад, пасон ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои объективӣдар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пайдо мегардад.

Дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои муҳими илмӣ-назариявӣ ва амалӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, баҳри беҳтар намудани қонунгузории кишвар як қатор таклифу пешниҳодҳо, тавсияву муқарраротҳои нав ҷиҳати мукаммалгардонии соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ изҳори андеша намудаст.

Бартариятҳои дигари таҳқиқоти анҷомдодашудаи муҳақиқ дар он ифода мегардад, ки он на танҳо таҳлилҳои илмӣ ва назариявӣ, балки аз қонунгузори дигар давлатҳо ва дастовардҳои ҷомеаи байналмилалӣ истифода намудааст. Дар таҳқиқоти амиқи илмӣ ва асосноки олимони ватанию хориҷӣ, қонунгузорӣ, амалия ва такия ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва минтақавӣ имконият фароҳам овардааст, ки мавзуи мазкур аз диди назари илмӣ ҳаматарафа ва мукамал анҷом дода шудааст.

Ҳамзамон бояд гуфт, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ хусусиятҳои маъхазҳои ёдгориҳои таърихии халқи тоҷик, низоми ҳуқуқи зардуштӣ, низоми ҳуқуқи мусулмонӣ, низоми ҳуқуқи хусусии римӣ, низоми ҳуқуқи шуравӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муқаррароти Кодексҳои меҳнат, оила, мурофиаи маданӣ ва иқтисодӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар санадҳои зерқонунии меъёрии ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуданд.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Инчунин, доираи масъалаҳое, ки ҳангоми таҳқиқоти илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ниҳоят васеъ буда, паҳлуҳои мухталифи он аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар ин самт назару андешаҳои худро иброз намуданд. Бояд хотиррасон намуд, ки то ҳол дар илми ҳуқуқшиносии миллӣ таҳқиқоти алоҳида дар ин самт анҷом дода нашудаст.

Аҳамияти амалии таҳқиқи кори аспирант бошад, таҳқиқи саривақтӣ барои кишвари мо ба ҳисоб рафта, дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёри ҳуқуқии байналмилалӣ ва минтақавӣ, созишномаҳои байни давлатҳо, сармоягузорӣ дар бахши хусусии давлат, мустақилона шартномаи меҳнатӣ бастани муҳоҷирон ва хориҷиён бошанд дар давлати мо, бастани шартномаи никоҳ ва танзими муосибатҳои оилавӣ бо унсури хориҷӣ, дар фаъолияти илмии донишгоҳҳои кишвар, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дар раванди таълим бошад, ҳангоми омӯзиш дар донишкадаву донишгоҳҳои кишвар ба донишҷуён ва курсҳои махсуси ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муҳим дониста мешавад.

Мақсади таҳқиқоти рисолаи номзадӣ таҳлили таълимотҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, проблемаҳои асоснокии илмӣ ва назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ, санадҳои меъёри ҳуқуқии байналмилалӣ, ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ фаро гирифтааст, ки ҷиҳати дарёфти роҳҳои ҳал ва пешниҳодҳо, тавсияву таклифҳо оид ба мукаммал гардидани соҳаи мустақили ҳуқуқро дар низоми ҳуқуқи кишвар дар бар мегирад.

Ба андешаи муаллиф мақсади асосии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ин имконияти мақсаднокии қонунгузории миллӣ дар танзими муносибатҳои байналмилалии хусусӣ дониста мешавад.

Дар асл ин хулосабарориҳои аспирант қобили дастгири буда, ҳамагуна мафҳумо, назарияҳо, предметҳо, усулҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусие, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидаст, ба шиддатнокии муомилоти иқтисодии кишвар ва муносибатҳои гуногунҷанбаи давлати мо таъсири худро мерасонад.

Диссертант хусусиятҳои асосии пайдоиш, ташаккул, мафҳум, предмет, усулҳо, таносуб, рушди илм ва мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ҳангоми навишатни рисолаи илмӣ, аспирант аз усулҳои зерини илмӣ ба монандиусулҳои умумӣ, махсус ва соҳавӣ истифода кардааст: усулҳои умумии дарки илмӣ, диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, низомнок, пешгӯии илмӣ, мантиқии мушоҳида ва таҳлилию синтез, усулҳои махсуси илмии ҳуқуқиро дар бар мегирад: усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, функсионалӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, усулҳои таҳлилии забонӣ дар таҳқиқоти мазкур истифода шудаанд. Ба усулҳои соҳавӣ бошад, усули моддӣ-ҳуқуқӣ, коллизионӣ-ҳуқуқӣ ва унификатсонӣ-ҳуқуқӣ шомил гардиданд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки диссертатсияи мазкур вобаста ба мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин таҳқиқоти илмӣ дониста мешавад. Дар кори илмӣ, паҳлӯҳои ҷудогонаи танзими ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таҳқиқ қарор дода шудаст. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ вобаста ба рушди муносибатҳои байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ мусоидат карда, сабаби таҳия ва коркарди таҳқиқоти диссертатсиони бошад барои равнақ додани муносибатҳои хориҷии давлат дар бахши хусусӣ мусодидат хоҳад намуд.

Хулоса, пешниҳодҳо ва дастовардҳои таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф ба воситаи заминаҳои назариявию илмии диссерастсия аоснок гардида, барои рушди соҳаи ҳуқуқ мусоидат менамояд. Дастовардҳои рисолаи анҷомдода барои такмили соҳаи мазкур дар низоми ҳуқуқи миллӣ, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва равобити байналмилалии давлатдар муносибатҳои хусусӣ равона гардидааст.

Андешаҳо ва навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия бевосита саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад. Муҳаққиқ мустақилона қобилияти фаъолияти илмӣ-эҷодӣ, таҳлилӣ, назари асосноки илмӣ, ақида ва мавқеӣ хешро дорад.

Саҳми шахсии муаллиф бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад.

Мавзу ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

Рисолаи илмӣ дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима шудааст.

Диссертатсияи Абдуллозода Ё.М. ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохили мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф ба талаботҳо оид ба таҳқиқотҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Ректори Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Раҷабзода М.Н.

Имзои Раҷабзода М.Н.–ро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ ДОТдар ноҳияи Рашт Шодизода Н.М.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШКАДАИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НОҲИЯИ РАШТ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

26.04.2024

Суроғаи муқарриз:
734025 ҶумҳурииТоҷикистон,
шаҳраки Ғарм, кӯчаи Э. Муҳиддин, 63;
Тел.: (+992) 919-50-91-93.
E-mail: rajabov.m.1973@mail.ru